11. В диссертации изучены основные факторы, влияющие на развитие малого предпринимательства в сфере услуг, а также их внутренней и внешней среды, осуществлена их классификация, обобщены основные характерные черты малого предпринимательства в сфере услуг. При этом на основании опроса респондентов выделены факторы, формирующие предпринимательскую среду на основе поддержки малого бизнеса, правовой защищенности предпринимателей, безопасности ведения бизнеса, государственной экономической политики, доступности финансирования и кредитования, качества конкурентной среды, доступности ресурсов, влияния крупного бизнеса на малое предпринимательство и т.д. Вместе с тем, к числу основных факторов, препятствующих развитию малого предпринимательства в сфере услуг, автором в работе выявлены: несовершенство нормативно-правовых законов прямого действия, в том числе трудности с регистрацией; финансово-экономические барьеры, в том числе высокие налоговые ставки и проценты за кредиты; низкий уровень существующих социальных гарантий, затруднения с необходимой квалификации; отсутствие требуемой имущественной и информационной поддержки; низкий уровень существующей инфраструктуры рынка, затруднения с внедрением франчайзинга, проведения необходимых маркетинговых исследований и др. [4-А; 13-А; 21-А].

12. В диссертации также осуществлен социально-демографический анализ отношения населения к предпринимательской деятельности в сфере услуг с целью выявления общего отношения взрослого трудоспособного населения к предпринимательству в сфере услуг, имеющийся экономическо-

финансовый потенциала анкетируемого и его семьи, потенциала для ведения собственного бизнеса и уровня знаний, профессиональных качеств, навыков и умений в своей сфере деятельности. Проведенный опрос позволил сделать вывод о положительном отношении населения исследуемых регионов к предпринимательской деятельности в сфере услуг и это является важным фактором стимулирования дальнейшего развития малого бизнеса в сфере услуг [4-А; 7-А; 13-А; 21-А].

***Б) Рекомендации по практическому использованию результатов***

1. В диссертации предложено, что одним из определяющих факторов, которые способствуют успешной деятельности малого предпринимательства, является прогнозирование спроса. В этой связи, в работе исследуется постановка задачи моделирования объема спроса на разных уровнях иерархии и на этой основе разработана экономико-математическая модель определения спроса на платные услуги населению в Республике Таджикистан и ее территориальных образований с применением многофакторного корреляционного анализа.
2. В работе также систематизированы критерии оптимизации решения задачи размещения малых предприятий в сфере услуг, разработана и предложена экономико-математическая модель рационального размещения субъектов малого предпринимательства в сфере услуг с учетом применения различных ограничений и используемых средств и современных методов планирования, прогнозирования, разработки и использования антикризисного управления, использования технологий адаптивного управления и принятия решений в условиях риска и неопределенности, решения задачи оптимизации размещения объектов сферы услуг, выделяя целевые функции и критерии их совместного согласования с применением геоинформационных систем.
3. Автором рекомендовано, что для проведения экономико-математического моделирования сферы услуг необходимыми условиями являются: избрание условий для должной дислокации предприятия сферы услуг в соответствии с выбранным направлением деятельности; определить оптимальный метод решения с учетом модели; анализ модели для выявления результата при получении данных дислокации и ее необходимости по существу, исправление принятых решений и формирование предложений по развитию и осуществление на практике функционирования хозяйственного субъекта.
4. В диссертации обоснованы приоритеты стратегического развития и поддержки малого предпринимательства в сфере услуг. Рекомендовано, что в стратегии развития малого предпринимательства в сфере услуг должны быть интегрированы цели, задачи и деятельность всех участников его развития, таких как местных органов государственной власти, предпринимателей, населения, экспертных сообществ, негосударственных организаций. Также следует учитывать не только принципы информационной открытости и прозрачности, но и равноправия и стратегического партнерства при планировании стратегического развития.

5. В диссертации в качестве одним из приоритетных направлений стратегии развития малого предпринимательства в сфере услуг предложена государственная поддержка хозяйствующих субъектов. В связи с этим автором обоснованы механизмы поддержки малого предпринимательства со стороны государственных органов. К ним можно отнести снижения уровня бюрократических процедур регистрации вновь создаваемых хозяйствующих субъектов, применение принципов венчурного финансирования, задействование механизмов государственно-частного партнерства, предоставление налоговых льгот, предоставление на приемлемых условиях помещений в аренду, а также точки сбыта продукции (ярмарки) и т.д.

6. Автором в работе также обоснована идея о развитии системы бизнес-инкубаторов как важнейшей площадки для реализации возможностей субъектов малого предпринимательства в сфере услуг, а также предоставления помощи различного характера, начиная от организационной до инновационно-технологической. В этой связи, осуществлена типологизация современных городских бизнес-инкубаторов, учитывая их ориентацию и специализацию, выявлены факторы успеха и проблемные места развития инновационной инфраструктуры в городах, необходимых элементов среды для успешного развития бизнес-инкубаторов, расчет основных параметров, необходимые для обеспечения бесперебойной работы инкубатора, а также обоснованы рекомендуемые показатели для оценки эффективности функционирования бизнес-инкубаторов.

7. В работе автором предложено, что в современных условиях важным направлением развития малого предпринимательства в сфере услуг является совершенствование механизма управлением развития социальных функций малого предпринимательства, которая должна быть нацелена на сотрудничество между государством и субъектами предпринимательской деятельности. В этих целях автором предложены различные механизмы такого взаимодействия: проведение различных конкурсов, стимулирование субъектов малого предпринимательства в сфере услуг, активно занимающими социальными программами путем передачи им государственных заказов; предоставление льготных условий предпринимателям, занимающихся социальными проектами; применение передовых опытов партнерства, современных инновационных технологий для реализации социальных проектов и др.

8. Обоснованы практические рекомендации по совершенствованию основных направлений развития субъектов малого предпринимательства в сфере услуг. Приоритетными направлениями считаются совершенствование нормативно-правовой базы посредством проведения мониторинга существующего законодательства, создание взаимовыгодного механизма воздействия государства на субъекты предпринимательской деятельности, как на республиканском, так и региональном уровне. Также предложена необходимость разработки механизма финансово-кредитной поддержки малых форм предпринимательской деятельности через создания кредитных

кооперативов, организации кредитных небанковских институтов, обществ взаимного кредитования, совершенствования налоговой системы, обеспечения доступа к информационно-коммуникационным ресурсам, развития системы подготовки, переподготовки и повышения квалификации кадров для сферы услуг, создания благоприятного климата для развития конкуренции и ужесточения антимонопольной политики, развития инфраструктуры малого предпринимательства в сфере услуг, кооперация деятельности субъектов крупного бизнеса и малого предпринимательства и др.

## СПИСОК ОПУБЛИКОВАННЫХ ПО ТЕМЕ ДИССЕРТАЦИИ РАБОТ (на языке оригинала)

***А) Монографии***

[1-А]. Организационно-экономический механизм развития малого предпринимательства в сфере услуг. Монография. – Душанбе: «Ирфон», 2022. – 242 с.

[2-А]. Некоторые вопросы развития предпринимательства в сфере услуг (на материалах Согдийской области Республики Таджикистан). Монография. – Душанбе: «Ирфон», 2017. – 156 с.

***Б) Публикации в изданиях, включенных в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов, рекомендуемых ВАК при Президенте Республики Таджикистан:***

[3-А]. Формирование стратегии развития и поддержки малого предпринимательства в сфере услуг / Ф.Н Наджмиддинов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – Душанбе, 2022. - № 3 (34). – С. 198-206.

[4-А]. Исследование факторов, определяющих критерии оптимизации размещения и развития предприятий сферы услуг / Ф.Н Наджмиддинов, Гафорзода Дж.Г., Махмаризоева М.К. // Известия Национальной Академии наук Таджикистана. Отделение общественных наук. – 2021. - № 2 (263). - С. 124-128.

[5-А]. Экономико-математическое моделирование задачи размещения предприятий сферы обслуживания / Ф.Н. Наджмиддинов // Известия Национальной Академии наук Таджикистана. Отделение общественных наук. – 2021. - № 1 (262). – С. 145-153.

[6-А]. Экономико-математическое моделирование прогнозирования спроса на услуги и их согласование с предложением в условиях рынка / Ф.Н. Наджмиддинов // Известия Национальной Академии наук Таджикистана. Отделение общественных наук. – 2020. - № 4 (261). – С. 131-139.

[7-А]. Совершенствование государственно-частного партнерства для реализации стратегических целей развития Республики Таджикистан / Бакиева У.Дж., Ф.Н. Наджмиддинов // Научный журнал “Экономика Таджикистана”. Институт Экономики и демографии НАН РТ. – 2019. - № 4. – С. 106-110.

[8-А]. Совершенствование системы и методов государственного регулирования сферы услуг / Ф.Н. Наджмиддинов // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук, 2019. - №3 (257). – С. 58-66.

[9-А]. Формирование эффективного механизма государственного регулирования и стимулирования развития сферы услуг / Ф.Н. Наджмиддинов // Доклады Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук, 2019. - № 4 (008). – С. 59-66.

[10-А]. Методологические аспекты исследования влияния сферы услуг на развитие социально-экономической системы страны / Ф.Н. Наджмиддинов // Известия Академия наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук, 2019. - №1 (254). – С. 123-128.

[11-А]. Исследование современного состояния и развития сферы услуг в Республике Таджикистан / Ф.Н. Наджмиддинов// Таджикистан и современный мир. Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, 2019. - № 2 (65). – С.72-81.

[12-А]. Вопросы исследования взаимозависимости роста ВВП от изменения объема сферы услуг в экономике Республики Таджикистан]. / Ф.Н. Наджмиддинов // Таджикистан и современный мир. Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, 2019. - № 2 (28).

[13-А]. Условия и факторы развития сферы услуг в условиях рынка / Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: «Сино», 2018. - № 2/4. - С.73-79

[14-А]. Вопросы совершенстования развития предпринимательской деятельности в сфере услуг / Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук, 2018. - № 1. – С. 49-52.

[15-А]. Зарубежный опыт функционирования, развития, размещения и управления сферой услуг / Наджмиддинов Ф.Н. // Известия Академия наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук, 2018. - № 4 (25). С. 154-160.

[16-А]. Развитие сферы услуг в Республике Таджикистан./ Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук, 2017. - № 2/4. Часть II. - С.116-119.

[17-А]. Эффективность сферы услуг и ее влияние на формирование валового регионального продукта Согдийской области / Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «Сино», 2017. - № 2/5 Часть II. С.164-169.

[18-А]. Управление развитием сферы услуг: функциональный подход / Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник университета (РТСУ), 2017. - № 1 (57). - С. 154-159.

[19-А]. Некоторые вопросы развития туристической отрасли региона / Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник университета (РТСУ), 2017. - № 2 (58). - С.122-127.

[20-А]. Теоретические вопросы трансформации понятия природы услуг в современных условиях перехода к рыночной экономике / Ф.Н Наджмиддинов., Бакиева У.Дж. // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук., 2017 - № 4 (60). – С.65-73.

[21-А]. Исследование факторов, влияющих на развитие предпринимательской деятельности в сфере услуг / Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «Сино», 2015. – С.132-141.

[22-А]. Государственная поддержка малого предпринимательства за рубежом / Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: «Сино», 2015. – С.301-307.

[23-А]. Обеспечение эффективного функционирования предпринимательских структур в сфере услуг региона / Ф.Н. Наджмиддинов// Известия академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 2015. - № 1. - С.72-82.

[24-А]. Вопросы социальной ответственности бизнеса в Таджикистане / Ф.Н. Наджмиддинов // Известия Академия наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук, 2014. - № 4 (236). – С.52-58.

[25-А]. Некоторые вопросы исследования социальных функции малых предприятий Таджикистан / Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник Таджикского технического университета имени акад. М.С.Осими.- Душанбе. - 2012. - С.106-111.

[26-А]. Взаимодействие государства и бизнеса в решении социальных проблем / Ф.Н., Наджмиддинов // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. - Душанбе, 2011. - № 3 - С.68-76.

**В) Публикации в материалах конференций и других научных изданиях:**

[27-А]. Проблемный подход к стратегическому анализу развития малых форм предпринимательской деятельности в сфере услуг / Материалы международной научно-практической конференции «Интеграция науки и высшего образования в условиях цифровой экономики». – Ташкент: Ташкентский государственный экономический университет. 24.10.2022. - С. 56-64.

[28-А]. Разработка организационно-экономического механизма развития малого предпринимательства в сфере услуг / Материалы международной научно-практической конференции «Интеграция науки и высшего образования в условиях цифровой экономики». – Ташкент: Ташкентский государственный экономический университет. 24.10.2022. - С. 125-132.

[29-А]. Модель организации бизнес-инкубатора, как основа развития. Пенджикент / Ф.Н. Наджмиддинов / Материалы научно-практической

международной конференции “IV - е Артучовские чтения”, посвященная Годам развития села, туризма и народных ремесел, также Программы десятилетия действий «Вода для устойчивого развития 2018-2028 гг.», «Актуальные вопросы филологических, оциальногуманитарных и естественных наук в современное время», 11-14 июля 2022 года в Таджикском педагогическом институте в городе Пенджикент. 2022. - С. 561-572.

[30-А]. Мақом ва нақши хадамоти таҳсилотӣ дар низоми иқтисодиёти бозоргонӣ / Ф.Н. Наджмиддинов // Маводи Конфересияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Масоили рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар шароити муосир”- 20.02.2018.

[31-А]. Роль человеческого капитала в развитии экономики сферы услуг/ Ф.Н. Наджмиддинов // Материалы международной научно-практической конференции. 13-14 фев 2017 г.Пенджикент

[32-А]. Факторы, влияющие на развитие и размещение малых форм предпринимательской деятельности в сфере услуг/ Ф.Н. Наджмиддинов, Махмаризоева М.Қ. // Вестник Таджикского государственного университета коммерции, Душанбе: 2017. - № 3 (16). – С. 47-53.

[33-А]. Тенденции развития малых форм предпринимательской деятельности в сфере услуг в Согдийской области и Зеравшанской долины РТ/ Ф.Н. Наджмиддинов/ДОТП материалы международной конференции Посвяшенной Год молодёжи Пенджикент 2017 С.192-100

[34-А]. Совершенствование механизма управления развитием малых форм предпринимательской деятельности в сфере услуг в Республики Таджикистан. / Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции, Душанбе: 2016. - № 1 (14). - С.72-84.

[35-А]. Особенности и проблемы развития малых форм предпринимательской деятельности в сфере услуг / Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции, Душанбе: 2015. - № 4 (13). - С.47-53.

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

*СУД 338.46* *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**НАҶМИДДИНОВ ФИРДАВС НУРИДДИНОВИЧ**

# МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ДАР СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ: НАЗАРИЯ, МЕТОДОЛОГИЯ, АМАЛИЯ

**АВТОРЕФЕРАТИ**

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)**

**Душанбе-2022**

Диссертатсия дар кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ:** **Қодирзода Диловар Баҳриддин,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Ҷурабоев Гафурҷон,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Ҳусаинов Манон Қамарович,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи экспертизаи иқтисодӣ ва мониторинги молиявии Донишгоҳи технологии Россия

**Ҳамроев Фузайлӣ Маҳмадалиевич,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиёти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия рӯзи 01 апрели соли 2023, соати $13^{00}$ дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва тавассути сомонаи www.ddtt.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат "____" ____________ соли 2023 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Толибов Қ.Қ.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Рушди фаъолияти соҳибкорӣ ба сифати омили калидии рушди босуръати иқтисоди миллӣ баромад мекунад. Дар шароити муосир, вақте ки таҳдидҳои берунӣ ба фаъолияти хоҷагидории субъектҳои соҳибкорӣ ва иқтисодиёт дар умум таъсир мерасонад, омили зикршуда аҳамияти махсус касб мекунад.

Бешубҳа, фаъолияти соҳибкорӣ дар намуд ва шаклҳои гуногуни худ ба татбиқи навовариҳо, навсозии технологии истеҳсолот ва ҳавасмандӣ барои гузариш ба технологияҳои муосир мусоидат мекунад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати махсусро ба рушди соҳибкории хурд ва таъмини фазои мусоиди сармоягузорӣ равона намудааст. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 қайд намуданд, ки "Рушди бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодӣ буда, то имрӯз доир ба тақвияти шарикии давлат бо бахши хусусӣ, дастгирии давлатии соҳибкорӣ, соддагардонии расмиёти бақайдгирии соҳибкорӣ ва танзими фаъолияти иҷозатдиҳӣ корҳои назаррас ба анҷом расонида шудаанд"[2].

Новобаста ба тадбирҳои андешидашуда, ҷиҳати рушди устувори соҳибкории хурд дар ҷумҳурӣ, суръати рушди он то ҳол ба тақозои замони муосир ҷавобгӯ намебошад, сифати хизматрасониҳо дар соҳаҳои гуногуни соҳибкории хурд нисбатан паст буда, инфрасохтори соҳибкории хурд ба такмил ниёз дорад. Ҳамзамон бояз зикр намуд, ки дар ҷумҳурӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна имконият ва потенсиал мавҷуд аст. Дар робита ба ин, ба андешаи мо, аз руйи нуқтаи назари назариявӣ, методологӣ ва амалӣ дар шароити муосир гузаронидани таҳқиқот оид ба масоили такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ бениҳоят зарур мебошад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит месозад, ки фароҳам овардани шароити муосир барои рушди соҳибкорӣ тамоюли асосӣ ва омили муҳимии рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Омилҳои зикршударо ба инобат гирифта, ба хулоса омадан мумкин аст, ки воқеияти маҷудаи рушди иҷтимоию иқтисодии соҳибкории хурд, арзёбии ҳолат, ташаккули тақозо ба хизматрасониҳои пулакии пешниҳодшаванда ва оптимизатсияи ҷойгирсозии сохторҳои соҳибкорӣ, инчунин таҳияи модели ташкили бизнес-инкубаторҳо дар соҳаи хизматрасонӣ таҳқиқи нисбатан амиқро талаб менамояд.

Ҳамин тавр, таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва амалии масоили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ асоснок ва мубрам мебошад.

**Сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯъ.** Ҷанбаҳои илмию назариявии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар асоси омӯзиши коркардҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ оид ба масъалаи ташаккули

---

[2] Сарчашма: Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - http://www.president.tj/node/13739

механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ ташаккул ёфтаанд.

Саҳми назаррасро дар таҳқиқи масоили рушди соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ асосгузорони мактаби иқтисодии классикӣ ва неоклассикӣ Ж.-Б.Сей, А.Смит ва Ҷ.М.Кейнс гузоштаанд. Рушди минбаъдаи назарияи соҳибкорӣ ва шаклҳои гуногуни он дар асарҳои илмии олимони зерин амалӣ гаштаанд: П. Самуэльсон ва В. Нордхаус; С. Фишер, Р. Дорнбуш, Р. Шмалензи; К.Р. Макконнел, С.Л. Брю. Ҳамчунин саҳми муносибро дар рушди назарияи соҳибкорӣ ва гузариши он олимон-иқтисодшиносони маъруфи Россия, ба монанди Абалкин Л.И., Абчук В.А., Асаул, А.Н., Бусигин А.В., Борсученко Э.И., Виленский А., Глазев С.Ю., Горфинкел В.Я., Друкер П., Лвов Д.С., Карустина Н.В., Косов В.В., Кулагин А.С., Павлюк Р.В., Паникин А.С., Савченко В.Г. ва дигарон гузоштаанд.

Масъалаҳои мухталифи таҳлили шаклҳои гуногун ва стратегияи рушди соҳибкории хурд дар корҳои илмии олимони иқтисоддони ватанӣ, – Ҳ.Н. Фақеров, С. Ҳабибов, Р.К. Раҷабов, И. Аминов, С.Ҷ. Комилова, Н.К. Қаюмов, Л.Х. Саидмуродов, М. Раҳимзода, А.Б. Мирсаидов, Н.Ф. Нидоев, М. Ҷамшедов, Ф.А. Қодиров, Қ.Қ. Толибов ва дигарон инъикос ёфтааст.

Масъала ва ҷанбаҳои алоҳидаи рушди соҳаи хизматрасонӣ дар корҳои илмии Дустбоев Ш.Д., Қодирзода Д.Б., Муқаддасзода Ф.М., Низамова Т.Д., Раҷабов Р.К., Рауфӣ А., Саидова М.Ҳ., Хоҷаев П.Д., Шаропов Ф.Р. ва мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтаанд.

Саҳми назарраси ин олимонро дар раванди омӯзиши масъалаҳои илмию методологӣ, методӣ ва амалӣ баланд арзёбӣ намуда, таъкид кардан зарур аст, ки баъзе масъалаҳои рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ ҳанӯз пурра омӯхта нашудаанд ва ҳалли худро наёфтаанд.

Ҳамин тавр, омӯзиши нокифояи моҳияти иҷтимоию иқтисодӣ ва нақши соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ, инчунин таҳия ва такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди ҳамаҷонибаи он интихоби мавзӯи диссертатсия, объекту предмет ва мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро муайян кардааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзӯъҳои илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои таъмини рушди соҳибкории хурду миёна, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун самтҳои муҳим муайян гардидаанд, робита дорад.

Ҳамчунин мавзӯи таҳқиқот дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 аз рӯйи мавзӯъҳои "Таҳияи самтҳои асосии стратегияи рушди савдои дохилӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Душанбе барои солҳои 2021-2030 (РБ 0121TJ1206), ки дар Муассисаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот"-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, интихоб гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** аз таҳияи асосҳои назариявию методологии механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ ва асоснок намудани тавсияҳо оид ба такмили он дар шароити иқтисоди бозорӣ иборат аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади зикршудаи диссертатсия гузориш ва ҳалли ботадриҷи вазифаҳои зерини илмию назариявӣ, методӣ ва амалиро муайян намудааст:

- таҳқиқи асосҳои илмию назариявии мафҳуми хизмат, ҳамчунин нақш ва аҳамияти иқтисодию иҷтимоии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ дар шароити муосир;
- ошкор намудани хусусият ва проблемаҳои рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ;
- омӯзиши равишҳои методологӣ оид ба таҳлили ҳолат ва раванди рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ;
- таҳияи механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ;
- ошкор намудани тамоюлҳои соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ ва муайян кардани таъсири омилҳо ба рушди он дар шароити муосир;
- амалӣ намудани таҳлили иҷтимоию демографии муносибати аҳолӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ в омӯзиши таҷрибаи хориҷии рушд ва дастгирии соҳибкории хурд;
- таҳияи модели иқтисодию риёзии тақозои аҳолӣ ба хизматрасониҳои пулакӣ дар ҷумҳурӣ;
- муайян намудани нишодиҳандаҳои оптималикунонӣ ва таҳияи модели иқтисодию риёзии ҷойгирсозии оқилонаи субъектҳои соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ;
- асоснок намудани афзалиятҳои стратегии рушд ва дастгирии соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ ва коркарди модели ташкили бизнес-инкубаторҳо ҳамчун омили рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ;
- пешниҳоди самтҳои асосии такмили механизми ташкилию иқтисодии идоракунии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ.

**Объекти таҳқиқотро** сохторҳои соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Ба сифати **предмети таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ташкилие баромад мекунанд, ки дар раванди такмили механизми ташкилию иқтисодии соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ ба миён меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** ба тасаввурот оид ба нақши рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ дар таъмини суръати устувори рушди иқтисодӣ асос меёбад. Маҳз амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои зарурӣ оид ба рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ, дар қатори дигар омилҳо, метавонад ба рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ тавассути таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таъмини некӯаҳволии аҳолӣ мусоидат намояд.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро** нуқтаҳои назар, ғояву коркардҳо ва методикаҳои пешниҳоднамудаи олимони ватаниву хориҷӣ оид ба масъалаи рушди соҳибкорӣ, аз он ҷумла соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ, инчунин Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузорӣ ва дигар сандҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар ташкил медиҳанд.

Ҳангоми таҳияи рисола аз сарчашмаҳои гуногуни илмӣ, коркардҳои илмӣ, инчунин маълумоти оморӣ ва маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти расмии вазорату идораҳо истифода шудааст.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Ба сифати сарчашмаҳои асосии маълумот санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, адабиёти иқтисодии гуногун, маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба масоили рушди соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ гузаронида мешаванд ва манбаъҳои Интернет истифода шудаанд.

**Усулҳои таҳққиқот.** Барои ҳалли масъалаҳо дар диссертатсия усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили усули системавию сохторӣ, сабабӣ, усули омӯзиши омилҳо, анкетагузаронӣ, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ, таносуби хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатӣ, арзёбии мунтазами миқдорӣ ва ҳамаҷониба, инчунин усули коррелятсионӣ-регрессилонӣ ва SWOT-таҳлил истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022 иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асоснокгардонии ҷанбаҳои илмию назариявӣ ва методологии зерин оид ба механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ, ҳамчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили он дар шароити муосир зоҳир мегардад:

1. Асосҳои илмию назариявии мафҳуми хизматрасонӣ рушд дода шудааast, нақш ва аҳамияти иқтисодию иҷтимоии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ дар шароити муосир мушаххас гардидааст, ки ҷузъи муҳими иқтисоди миддӣ ва омили тараққиёти устувори он мебошад. Асоснок карда шудааст, ки нақш ва мавқеи соҳибкории хурд дар шароити муосир бояд на танҳо аз нуқтаи назари ба даст овардани фоидаи ҳадди аксар, балки аз нуқтаи назари саҳми он дар ҳалли масъалаҳои муҳимтарини иҷтимоии ҷомеа, ба монанди афзоиши шуғл, инкишоф додани маҳорати касбӣ ва сохибкорӣ, нисбатан баробар кардани дараҷаи даромади пулии аҳолӣ ва ташаккули синфи миёна, бо молу хизматрасониҳои нав пурра намудани бозор, иштирок дар ташаккули буҷетҳои сатҳи гуногун муайян карда шавад.

2. Хусусиятҳо ва мушкилоти рушди соҳибкории хурд дар шароити иқтисоди бозорӣ ошкор карда шудаанд. Ба қатори хусусиятҳои рушди ин соҳа мустақилияти иқтисодӣ, ташаббус, озодии амал, истифодаи шаклҳои мушаххаси ҳавасмандгардонии моддии кормандон дохил карда шудаанд, ки самаранокии баланди истифодаи захираҳои мавҷуда, қабул ва татбиқи қарорҳои

оптималии идоракунӣ, қобилияти зуд мутобиқшавӣ ва тағйироти шароити берунӣ ва вазъи бозор, самтгирӣ ба истеҳсоли мол ва пешниҳоди хизматрасонии тақозои начандон зиёддошта, имконияти васеъ кардани истеҳсолот ва фоидаовар амалӣ намудани тиҷорати худ ва гузаштан ба дигар соҳҳои афзалиятдорро нишон медиҳад. Дар баробари ин, мушкилоти асосии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ аз баланд будани иҷораи биноҳои додашуда, фоизи баланди қарзҳо, набудани андозбандии имтиёзнок, гаронии нархи хизматрасонии нақлиёт, қувваи барқ, об ва дигар намудҳои хизматрасонӣ иборат аст.

3. Равишҳои методологии таҳлили фаъолият ва рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ дар асоси татбиқи равиши проблемавӣ ба таҳлили стратегӣ аниқ карда шудаанд, ки имкон медиҳад, то ҳамкории онҳо бо муҳити берунӣ ва омилҳое, ки ба рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ таъсир мерасонанд, баҳо дода шавад. Қайд карда шудааст, ки рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ баррасии ҳамаҷонибаи хусусиятҳои ташаккули онҳо, интихоби меъёрҳои ҷойгиркунии оқилонаи корхонаҳо, оптимизатсияи ҳамкориии шаклҳои гуногуни соҳибкории хурд ва давлат, таъсири соҳибкорӣ ба рушди субъектҳои ҳудудӣ, муайян кардани маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва ғайраро талаб мекунад.

4. Механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ асоснок ва таҳия карда шудааст. Таърифи муаллифӣ ба механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои байни субъектҳо ва объектҳое дода шудааст, ки мустақиман ва баръакс дар байни корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, ҳамчунин дар байни сохторҳои институтсионалии татбиқи усулҳо ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба соҳибкорон дар ин самт, ки ба қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон нигаронида шудаанд, ба вуҷуд меоянд. Механизми ташкилию иқтисодии пешниҳодшудаи соҳибкории хурди дар соҳаи хизматрасонӣ ба ду бахш ҷудо мешавад: механизми ташкилӣ - шаклҳои институтсионалии танзим, ки меъёрҳо, шароит ва қоидаҳои пешбурди соҳибкорӣ, инчунин анъана ва расму оинҳоро фаро мегирад; механизми иқтисодӣ – шаклҳои молиявии танзим, шаклҳои амволии дастгирӣ ва пешниҳоди хизматрасонии инфрасохторӣ.

5. Дар асоси таҳлили рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ тамоюли афзоиши ҳаҷми хизматрасонӣ дар заминаи динамика ва сохтори соҳибкории хурд, тақсимоти хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ аз рӯи шаклҳои моликият, инчунин дар аз рӯи соҳаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд. Дар асоси пурсишнома омилҳое, ки ба муҳити соҳибкорӣ дар асоси дастгирии соҳибкории хурд, ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон, амнияти соҳибкорӣ, сиёсати иқтисодии давлатӣ, мавҷудияти маблағгузорӣ ва қарздиҳӣ, муҳити рақобат, мавҷудияти захираҳо, таъсири соҳибкории калон ба соҳибкории хурд таъсир мерасонанд, ошкор гардидаанд. Дар кори илмӣ ба қатори омилҳое, ки ба рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ монеа эҷод мекунанд, монеаҳои молиявию иқтисодӣ, аз ҷумла мизони баланди андоз

ва фоизи қарзҳо, сатҳи пасти кафолатҳои мавҷудаи иҷтимоӣ, мавҷуд набудани таъминоти амволӣ ва иттилоотӣ, сатҳи пасти инфрасохтори мавҷудаи бозор, мушкилоти ҷорӣ намудани франчайзинг, гузаронидани таҳқиқоти зарурии маркетингӣ ва ғайра мансуб дониста шудаанд.

6. Бо мақсади муайян намудани муносибати умумии аҳолии кобили меҳнат ба соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ, нерӯи мавҷудаи иктисодию молиявии посухдиҳанда ва оилаи ӯ, қобилияти пешбурди соҳибкории худ ва сатҳи дониш, сифатҳои касбӣ, малака ва маҳорат дар соҳаи фаъолият дар диссертатсия таҳлили иҷтимоию демографӣ гузаронида шудааст. Хулоса баровадра шудааст, ки аҳолӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ муносибати мусбат дорад, ки ин нишондиҳанда ҳамчун омили муҳими ҳавасмандгардонии минбаъдаи соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ баромад мекунад.

7. Модели иқтисодию риёзӣ барои муайян намудани талабот ба хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳлили таносуби таҳлили коррелятсионию регрессионии бисёромила таҳия шудааст. Муайян карда шудааст, ки моделҳои бадастомада мувофиқ буда, воқеан талаботро ба хизматрасониҳои соҳибкории хурд дар кишвар тавсиф мекунанд.

8. Меъёрҳои ба низом даровардашудаи беҳсозии ҳалли мушкилоти ҷойгиркунии соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ гурӯҳбандӣ карда шуда, модели иқтисодию риёзии ҷойгиркунии оқилонаи соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ бо дарназардошти татбиқи маҳдудиятҳои гуногун ва усулҳои истифодашаванда ва муосири банақшагирӣ, пешгӯӣ, таҳия ва истифодаи идоракунии зиддибӯҳронӣ, истифодаи технологияҳои идоракунии мутобиқшавӣ ва қабули қарорҳо дар шароити хатар ва номуайянӣ, ҳалли масъалаи оптимизатсияи ҷойгиркунии объектҳо дар соҳаи хизматрасонӣ бо истифода аз системаҳои иттилоотии ҷуғрофӣ таҳия ва пешниҳод шудаанд.

9. Афзалиятҳои стратегияи рушд ва дастгирии соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ асоснок карда шуда, модели ташкили бизнес-инкубаторҳо ҳамчун омили рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ таҳия карда шудаасӣ. Ба қатори самтҳои асосӣ тақвият ва диверсификацияи иктисодиёт, инкишофи инфрасохтори соҳаи хизматрасонӣ, баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии умумии аҳолӣ, ҳавасмандгардонии таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмини худкифоягии иқтисодӣ, истифодаи оқилонаи технологияҳои муосир, паст кардани сатҳи расмиёти бюрократии бақайдгирии субъектҳои хоҷагидории навтаъсис, татбиқи принсипҳои маблағгузории венчурӣ, фаъолсозии механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, додани имтиёзҳои андоз, таъмини биноҳо барои иҷора бо шартҳои қобили қабул ва ғайра дохил карда шудаанд.

10. Тавсияҳо дар бобати такмил додани механизми ташкилию иктисодии рушди соҳаи хизматрасонӣ таҳия карда шудаанд. Тадбирҳо оид ба рушди системаи бизнес-инкубаторҳо ҳамчун платформаи муҳимтарини татбиқи имкониятҳои соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ, такмил додани механизми идоракунии рушди вазифаҳои иҷтимоии соҳибкории хурд пешниҳод

шудаанд, ки бояд ба ҳамкории байни давлат ва субъектҳои хоҷагидорӣ, фароҳам овардани механизми мутақобилан судманди таъсиррасонии давлат ба фаъолияти соҳибкории субъектҳо нигаронида шуда бошанд. Зарурати таҳияи механизми дастгирии молиявию қарзии соҳибкории хурд, таъмини дастрасӣ ба захираҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, рушди низоми тайёр кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи хизматрасонӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди рақобат, рушди инфрасохтори соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ, кооператсияи субъектҳои соҳибкории калон ва соҳибкории хурд ва ғайра пешниҳод шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф, натиҷаҳои зерини илмию назариявӣ, методологӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

- рушди асосҳои илмию назариявии мафҳуми хизматрасонӣ ва аник намудани накш ва аҳамияти иҷтимоию иқтисодии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ дар шароити муосир;
- ошкор намудани хусусиятҳо ва проблемаҳои рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ;
- аниқ кардани равишҳои методологии таҳлили фаъолият ва рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ дар асоси татбиқи равиши проблемавӣ ба таҳлили стратегӣ;
- таҳияи механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ;
- ошкор кардани тамоюли рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ ва муайян намудани таъсири омилҳо ба рушди он дар шароити муосир;
- амалӣ намудани таҳлили иҷтимоию демографии муносибати ахолӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ;
-таҳияи модели иқтисодию риёзӣ барои муайян кардани талабот ба хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ дар асоси таҳлили коррелятсионию регрессионии бисёромила;
- гурӯҳбандӣ намудани меъёрҳои оптимизатсияи ҷойгиркунии корхонаҳои хурд дар соҳаи хизматрасонӣ ва таҳияи модели иқтисодию риёзии ҷойгиркунии оқилонаи субъектҳои соҳибкории хурд;
- асоснок намудани самтҳои афзалиятноки стратегияи рушд ва дастгирии соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ ва таҳияи модели ташкили бизнес-инкубаторҳо хамчун омили рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ;
- таҳияи тавсияҳо оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки муқарраротҳи назариявӣ ва методологии дар диссертатсия асоснокшуда ба рушди минбаъдаи низоми фаъолияти соҳибкорӣ ва соҳаи хизматрасонӣ, омӯзиши равишҳои эҷоди шароити зарурии иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин таҳлили таъсири он ба самаранокии хизматрасонӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ва бахшҳои он мусоидат мекунанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти назариявӣ ва методии пешниҳодшуда ба фароҳам овардани шароити зарурии иҷтимоию иқтисодӣ барои такрористеҳсол ва истифодаи иқтидорҳо, баланд бардоштани самаранокии истифодаи онҳо ва рушди инноватсионии соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ равона карда шудаанд.

Натиҷаҳои асосии илмӣ метавонанд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар таҳияи самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории хурд, таъсиси бизнес-инкубаторҳо ва инфрасохтори онҳо истифода шаванд. Илова бар ин, аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки тавсияҳои мушаххасе таҳия шудаанд, ки ҳангоми таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва нақшаҳои стратегии рушди соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ истифода мешаванд. Муносибатҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди соҳаи хизматрасонӣ, ки дар рисола таҳия шудаанд, метавонанд ҳамчун заминаи методологӣ ва заминаи таҳияи принсипҳои дастгирии давлатии соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ хизмат кунанд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар муайян кардани самтҳои афзалиятнок, шаклу усулҳои ташаккул, истифода ва рушди иқтидори сохторҳои соҳибкорӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи ҳама намуди захираҳо дар раванди хизматрасонӣ ба қишрҳои гуногун аҳамияти амалӣ доранд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мутобиқ мебошад: 2) Тамоили муосири рушди шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ дар соҳаи савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 20) Такмили механизми ҷойгиршавии шабакаҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 26) Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими давлатии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 33) Такмили ташкил ва идоракунии самтҳои гуногуни фаъолияти субъектҳои савдо, субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 34) Идоракунии стратегии субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 36) Хусусиятҳои рушди соҳибкорӣ дар савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар интихоби мавзӯъ, асомноккунӣ ва мубрам будани он, муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот зоҳир мегардад. Муаллиф дар таҳия ва санҷиши муқаррароти назариявӣ, методологӣ ва методӣ оид ба истифодаи иқтидори соҳибкории хурд ва таъсири онҳо ба самаранокии натиҷаҳои иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ саҳм гузоштааст.

Иштироки шахсии муаллиф дар ба даст овардани натиҷаҳои дар таҳқиқот пешниҳодшуда аз ҷониби ҳаммуаллифон тасдиқ карда шуда, дар интишороти муштарак инъикос карда шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар семинарҳои илмии кафедраи менеҷмент, конференсияҳои байналмилалии илмию амалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати

Тоҷикистон (Душанбе, 2012-2022), Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент (ш. Панҷакент, 2012-2022), Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Душанбе, 2016-2021), Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат (Душанбе, 2012-2021), инчунин дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмию амалии олимони ҷавони Тоҷикистон (2012-2021) баррасӣ ва тасдиқ шудаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқ аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва дар амал татбиқ карда шуданд. Муқаррароти назариявӣ ва методии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таълим ҳангоми таҳияи нақшаҳои таълимӣ, дастурҳои дастурӣ ва матнҳои лексияҳо аз фанҳои «Асосҳои соҳибкорӣ», «Иқтисоди корхона», «Иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории хурд» барои донишҷӯён, магистрантҳо ва докторантҳои PhD истифода мешаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Аз рӯи маводи диссертатсия 35 кори илмӣ, аз он ҷумла 24 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва 2 монография нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боби матни асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 335 саҳифа оварда шудааст ва 40 ҷадвал ва 39 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 310 номгӯй иборат аст.

## ҚИСМАТИ АСОСӢ

Дар *муқаддима* мубрамии мавзӯи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзӯъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, ҳамчунин маълумот оид ба асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудаанд.

Дар *боби якум* «Асосҳои илмию назариявии таҳқиқи хусусиятхои рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ» асосҳои илмию назариявии мафҳуми хизматрасонӣ, нақш ва аҳамияти иҷтимоию иқтисодии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ дар шароити муосир мавриди омӯзиш қарор гирифта, хусусиятҳо ва мушкилоти рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ муайян карда шуданд.

Расми 5. Унсурҳои зарурии муҳит барои рушди бомуваффақияти бизнес-инкубаторҳо (таҳияи муаллиф)

Ҳамчунин дар диссертатсия методикаи ташкили бизнес-инкубатор дар мисоли шаҳри мушаххас асоснок карда шудааст (расми 6).

**МЕТОДИКАИ ТАШКИЛИ БИЗНЕС-ИНКУБАТОР ДАР ШАҲР**

| | |
|---|---|
| **Зинаи 1** | Арзёбии вазъи иқтисодиву иҷтимоии шаҳр |
| **Зинаи 2** | Таҳлили потенсиала аҳолии маҳаллӣ и сохторҳои тиҷорат дар самти:<br>- корхонаҳои хурду миёнаи амалкунанда;<br>- соҳаҳои иқтисодиёт;<br>- имкониятҳои потенсиалӣ барои оғози тиҷорати нав. |
| **Зинаи 3** | Арзёбии формати имконпазири бизнес-инкубатори оянда бо роҳи муҳокимаи фазои соҳибкории мавҷуда |
| **Зинаи 4** | Сафарбаркунии ҷомеаи маҳаллӣ барои рушди ташаббуси маҳаллӣ, инчунин ҷорӣ намудани механизми муколама дар ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақсади муттаҳид намудани кӯшишҳои мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва сохторҳои тиҷоратӣ ҷиҳати саҳмгузории муштарак дар рушди бахши хусусӣ ва дар махсусан, барои таъсиси бизнес-инкубаторҳо |
| **Зинаи 5** | Муайян кардани эҳтиёҷот ба:<br>- мавҷудияти салоҳият барои ташкили соҳибкорӣ;<br>- дараҷаи салоҳият дар таҳияи нақшаи бизнес, идоракунии ташкилот, маркетинг ва ғайра;<br>- ворид намудани бизнес-инкубатор ба шабакаи мавҷуда ё ояндаи ташкилотҳои дастгирии рушди соҳибкорӣ (агентии дастгирии хурду миёна, агентиҳои рушди шаҳрҳо, марказҳои тиҷоратӣ ва ғ.) |
| **Зинаи 6** | Ташкили семинарҳои омӯзишӣ барои корхонаҳои хурду миёнаи маҳаллӣ ва соҳибкорони эҳтимолӣ дар мавзӯъҳои зерин: таҳия ва арзёбии ғояи соҳибкорӣ; омилҳои муваффақияти тиҷорат; маркетинг ва таҳқиқоти бозор; таҳияи нақшаҳои бизнес; ҳисоботи молиявӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои хурду миёна; идоракунии буҷет; таблиғ барои корхонаҳои хурду миёна; ҷанбаҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ; маблағгузории лоиҳаҳои тиҷоратӣ; давраи сармоягузории лоиҳа; ташкили корхонаҳои муштарак |
| **Зинаи 7** | Мусоидат ба номзадҳои маҳаллӣ барои бинес-инкубаторҳо дар таҳияи ғояҳои онҳо ва ҷамъоварии маълумот барои таҳияи нақшаҳои бизнес |
| **Зинаи 8** | Мониторинг ва кӯмак дар таҳияи нақшаи бизнес |
| **Зинаи 9** | Интихоби нақшаҳои бизнес барои бизнес-инкубаторҳо (таҳияи меъёрҳои интихоби довталабон барои ҷойҳо) |
| **Зинаи 10** | Оғози фаъолияти бизнес-инкубатор (бақайдгирии ширкат, сохтмон ё таъмир, таҷҳизот, ҷалб) |
| **Зинаи 11** | Таъмини дастгирии бизнес-инкубатор дар соли аввали фаъолият |

Расми 6. Методикаи ташкили бизнес-инкубатор дар шаҳр (таҳияи муаллиф)

Муаллиф дар қисми хотимавии таҳқиқот бо истифода аз модели пешниҳодшудаи иқтисодию риёзӣ пешгӯии нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳаи хизматрасонии ҷумҳуриро амалӣ намудаастд. Ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми хизматрасонӣ дар соли 2030 нисбат ба соли 2020 1,34 маротиба зиёд мешавад, ки ин суръати баланди рушди соҳаро нишон медиҳад (ҷадвали 10).

Ҷадвали 10

Ҳаҷми пешгӯии пешниҳоди хизматрасониҳо дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он то соли 2030

| № пп | Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он | Муодилаи тарҳрезӣ | 2025 г. | 2027 г. | 2030 г. |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҷумҳурии Тоҷикистон | y = 487,88x + 7989,8<br>$R^2$ = 0,8804 | 15308,0 | 16283,8 | 17747,4 |
| 2. | Вилояти Суғд | y = 148,66x + 2186,4<br>$R^2$ = 0,8569 | 4716,8 | 4865,5 | 5162,8 |
| 3. | Вилояти Хатлон | y = 92,603x + 1149,4<br>$R^2$ = 0,781 | 2538,4 | 2723,7 | 3001,5 |
| 4. | ВМКБ | y = 5,4558x + 42,833<br>$R^2$ = 0,9017 | 124,70 | 135,60 | 151,90 |
| 5. | НТҶ | y = 13,584x + 897,85<br>$R^2$ = 0,5365 | 2601,6 | 2828,8 | 3169,5 |
| 6. | ш. Душанбе | y = 368,62x + 2659,1<br>$R^2$ = 0,8865 | 8188,4 | 8925,6 | 10031,5 |

*Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф

Ба андешаи муаллиф, маълумоти ҷадвали 8 аҳамияти махсуси такмили механизмҳои идоракунии соҳаи хизматрасониро дар оянда нишон медиҳад. Барои рушди самараноки корхонаҳои хурд дар соҳаи хизматрасонӣ тавсия дода мешавад, ки шароитҳои асосие, ки метавонанд заминаи таҳияи лоиҳаҳои ҳам минтақавӣ ва ҳам ҷумҳуриявӣ ҳисобида шаванд, фароҳам оварда шаванд. Дар баробари ин вазифаи давлат бояд ҳамоҳангсозӣ ва танзими манфиатҳои стратегии ҷамъият, ки ба ҳалли проблемаҳои иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шудааст, бошад. Шарти муҳим ин зарурати фароҳам овардани ҳамкории судманд байни давлат ва соҳибкорон мебошад.

Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки дар шароити муосир самти муҳими рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ такмил додани механизми идоракунии рушди вазифаҳои иҷтимоии соҳибкории хурд мебошад, ки бояд ба ҳамкории байни давлат ва субъектҳои хоҷагидорӣ нигаронида шавад. Бо ин мақсад муаллиф механизмҳои гуногуни чунин ҳамкориро пешниҳод менамояд: гузаронидани озмунҳои гуногун, ҳавасмандгардонии соҳибкорони хурд дар соҳаи хизматрасонӣ, ки дар барномаҳои иҷтимоӣ фаъолона иштирок мекунанд, тавассути додани фармоишҳои давлатӣ ба онҳо; фароҳам овардани шароити имтиёзнок ба соҳибкороне, ки дар лоиҳаҳои иҷтимоӣ ҷалб шудаанд; татбиқи таҷрибаи пешқадами шарикӣ, истифодаи

технологияҳои муосири инноватсионӣ барои татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва ғайра.

Дар бахши тавсиявии диссертатсия маҷмӯи тадбирҳо оид ба такмили самтҳои асосии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ асоснок карда шудаанд. Самтҳои афзалиятнок такмил додани заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ тавассути мониторинги қонунгузории амалкунанда, эҷоди механизми мутақобилан судманди таъсиррасонии давлат ба субъектҳои соҳибкорӣ, чӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва чӣ дар сатҳи минтақавӣ дониста мешаванд. Ҳамчунин таҳияи механизми дастгирии молиявию қарзии шаклҳои хурди фаъолияти соҳибкорӣ тавассути ташкили кооперативҳои қарзӣ ва ғайра зарур мебошад.

Муҳимтарин самтҳои такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ ҳамчунин низ такмили низоми андозбандӣ, таъмини дастрасӣ ба захираҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, рушди низоми тайёркунӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи хизматрасонӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди рақобат ва пурзӯр намудани сиёсати зиддиинҳисорӣ, рушди инфрасохтори соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ, ҳамкории байни субъектҳои соҳибкории калон ва корхонаҳои хурд ва ғайра ба ҳисоб меравaнд

## ХУЛОСА

### *А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия*

1. Дар диссертатсия асосҳои илмию назариявии консепсияи хизматрасонӣ, инчунин нақш ва аҳамияти иҷтимоию иқтисодии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд карда мешавад, ки дар шароити муосир рушди соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ба унсури муҳими иқтисоди миллӣ ва омили рушди устувори он табдил меёбад. Ба ақидаи муаллиф, соҳаи хизматрасонӣ ҳамчун маҷмӯи корхонаҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ муайян карда мешавад, ки меҳнати кормандони онҳо бевосита барои ба вуҷуд овардани навъи махсуси маҳсулоти бевосита дар ҷараёни истеҳсоли он истеъмолшаванда ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷот тавассути як қатор хизматрасониҳо бо сифат ва нархи мувофиқ равона карда шудааст [1-М; 3-М; 10-М; 16-М; 20-М].

2. Дар таҳқиқот чунин андеша баён шудааст, ки нақш ва мавқеи соҳибкории хурд дар иқтисоди бозорӣ бояд на танҳо аз нуқтаи назари зиёд кардани фоида, балки аз нуқтаи назари саҳми он дар ҳалли проблемаҳои иҷтимоии ҷомеа муайян карда шавад: афзоиши шуғл, паҳн намудани ҳадди ақали малакаҳои касбӣ ва соҳибкорӣ, нисбатан баробар кардани сатҳи даромадҳои пулии аҳолӣ ва ташаккули табақаи миёна дар ҷомеа, пурра намудани бозор бо молу хизматрасониҳои нав, иштироки назаррас дар ташаккули буҷет дар ҳама сатҳҳо ва ғайра [2-М; 14-М; 23-М; 24-М; 25-М].

3. Ташаккули соҳибкории хурд барои рушди мутамаддини озодии фаъолияти шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ шароит фароҳам меорад, фаъолияти инноватсионию масъулиятноки онҳо, истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ, фоида аз шаклҳои гуногуни моликият ва рушди рақобати бозориро

фаъол месозад. Дар рисолаи илмӣ дар баробари паҳлӯҳои мусбати рушди соҳибкории хурд ҷанбаҳои манфии ташаккул ва рушди он низ ошкор карда шудааст: вобастагӣ аз шароити зудтағйирёбандаи бозор, тағйири эҳтимолии воқеияти берунӣ ва дохилии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, ҳаҷми маблағгузории асосӣ ва гайра [1-М; 2-М; 14-М].

4. Дар диссертатсия хусусиятҳо ва проблемаҳои соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ муайян карда шудааст: мустақилияти иқтисодӣ, ташаббус, озодии амал, истифодаи шаклҳои мушаххаси ҳавасмандгардонии моддии кормандон дохил карда шудаанд, ки самаранокии баланди истифодаи захираҳои мавҷуда, қабул ва татбиқи қарорҳои оптималии идоракунӣ, қобилияти зуд мутобиқшавӣ ва тағйироти шароити берунӣ ва вазъи бозор, самтгирӣ ба истеҳсоли мол ва пешниҳоди хизматрасонии тақозои начандон зиёддошта, имконияти васеъ кардани истеҳсолот ва фоидаовар амалӣ намудани соҳибкории худ ва гузаштан ба дигар соҳҳои афзалиятдорро нишон медиҳад. Дар баробари ин, мушкилоти асосии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ аз баланд будани иҷораи биноҳои додашуда, фоизи баланди қарзҳо, набудани андозбандии имтиёзнок, гаронии нархи хизматрасонии нақлиёт, қувваи барқ, об ва дигар намудҳои хизматрасонии коммуналӣ иборат аст [1-М; 16-М; 18-М; 21-М].

5. Дар бахши методологии диссертатсия муаллиф ба ҳалли масъалаҳои дарёфт ва омӯзиши қонуниятҳои рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ, инчунин таъмини иттилоотии идоракунии он барои таҳия ва татбиқи навъҳои инноватсионӣ, омӯзиши равандт инкишофи комплексии соҳибкории хурд дар сохаи хизматрасонӣ бо дарназардошти таъсири омилхои дохилӣ ва берунӣ аз нуқтаи назари стратегӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Хулоса баровардa шудааст, ки рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ баррасии ҳамаҷонибаи хусусиятҳои ташаккули онҳо, интихоби меъёрҳои ҷойгиркунии оқилонаи корхонаҳо, оптимизатсияи муносибатҳои шаклҳои гуногуни соҳибкории хурд ва давлатро таъсири соҳибкорӣ ба рушди субъектҳои ҳудудӣ, муайян кардани маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва ғайраро тақозо дорад [1-М; 4-М; 10-М; 23-М].

6. Дар рисола воситаҳои таҳлили стратегӣ дар корхонаҳои хизматрасонӣ, ки ба таҳияи стратегияи рушдиояндаи онҳо мусоидат мекунанд, мушаххас гардонида шудаанд, ки имкон медиҳанд ҳамкории соҳибкории хурд бо муҳити тиҷорати беруна ва омилҳои он, ки ба рушд таъсири мусбат ё манфӣ мерасонанд, арзёбӣ гардад. Таҳлили самараноки стратегӣ ба корхона маълумот дар бораи фаъолияти онро медиҳад, сатҳи таъсиррасониро ба мавқеи корхона арзёбӣ мекунад ва инчунин таҳдид ё пешрафтро дар оянда муайян мекунад. Бахши асосии таҳлили иқтисодии перспективӣ равиши проблемавӣ мебошад, ки дар он категорияи асосӣ ҳолати зарурӣ ва матлуби объекти таҳқиқшавандаро нишон медиҳад. Ин барои ноил шудан ба ҳолати дилхоҳ ё ҳадафи фаъолияти соҳибкории хурд андешидани чораҳои муассирро талаб мекунад [1-М; 10-М; 23-М].

7. Дар диссертатсия механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории хурд ҳамчун қисми системаи идоракуние, ки ба омилҳои таъсиррасонӣ ба самаранокии объекти идорашаванда таъсир мерасонад, муайян карда шудааст. Ба субъектҳои соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ бо хоҳиши ба манфиати худ тағйир додани вазъи муҳити беруна, ба ҳолати мувофиқати мутақобила овардани омилҳои дохилӣ ва берунӣ мувофиқ кардани манфиатҳо хос аст. Унсури асосии механизми идоракунӣ субъектҳои онҳо буда, самаранокии фаъолияти система ва унсурҳои он аз онҳо вобаста аст. Қайд карда мешавад, ки давлат ва соҳибкорон субъектҳои асосии механизми ташкилию иқтисодии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ мебошанд, ки дар он давлат принсипҳо, шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои таъсиррасониро муайян мекунад [1-М; 8-М; 9-М; 23-М].

8. Дар таҳқиқот таърифи муаллиф оид ба механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои байни субъектҳо ва объектҳое дода шудааст, ки мустақиман ва баръакс дар байни корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, ҳамчунин дар байни сохторҳои институтсионалии татбиқи усулҳо ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба соҳибкорон дар ин самт, ки ба қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон нигаронида шудаанд, ба вуҷуд меоянд. Дар таърифи пешниҳоднамудаи муаллиф объект, субъект, шакл ва марҳилаҳои ҳалли масъалаҳо нишон дода шудаанд, ки дар он субъектҳои идоракунӣ мақомоти давлатӣ ва объекти танзим фаъолияти корхонаҳои хизматрасонӣ мебошад [1-М; 8-М; 9-М; 23-М].

9. Механизми ташкилию иқтисодии пешниҳодшудаи соҳибкории хурди дар соҳаи хизматрасонӣ ба ду бахш ҷудо мешавад: механизми ташкилӣ - шаклҳои институтсионалии танзим, ки меъёрҳо, шароит ва қоидаҳои пешбурди соҳибкорӣ, инчунин анъана ва расму оинҳоро фаро мегирад; механизми иқтисодӣ – шаклҳои молиявии танзим, шаклҳои амволии дастгирӣ ва пешниҳоди хизматрасонии инфрасохторӣ. Механизми ташкилию иқтисодии соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ ба ҳадди ақал кам кардани хатарҳо, пешгирии таҳдидҳо, ҳалли бӯҳронҳо, инчунин барои ташаккули фаъолияти устувори соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ ва фаъолияти самараноки сохторҳои соҳибкорӣ шароит фароҳам меорад [3-М; 9-М; 10-М; 18-М; 23-М].

10. Дар асоси таҳлили рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ тамоюли афзоиши ҳаҷми хизматрасонӣ дар заминаи динамика ва сохтори соҳибкории хурд, тақсимоти хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ аз рӯи шаклҳои моликият, инчунин дар аз рӯи соҳаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020муқаррар карда шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада имкон доданд, ки хусусиятҳои рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонии пулакӣ дар Тоҷикистон аз рӯи соҳаҳо муайян карда шаванд [11-М; 16-М; 18-М].

11. Дар диссертатсия омилҳои асосии ба рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ таъсиркунанда, инчунин муҳити дохилӣ ва берунии онҳо омӯхта шуда, гурӯҳбандии онҳо гузаронида шуда, хусусиятҳои асосии соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ ҷамъбаст карда шудааст. Дар

баробари ин, дар асоси пурсишнома омилҳое, ки ба фазои соҳибкорӣ дар асоси дастгирии соҳибкории хурд, ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон, амнияти соҳибкорӣ, сиёсати иқтисодии давлатӣ, мавҷудияти маблағгузорӣ ва қарздиҳӣ, муҳити рақобат, мавҷудияти захираҳо, таъсири соҳибкории калон ба соҳибкории хурд таъсир мерасонанд, ошкор гардидаанд. Ҳамчунин дар рисола ба қатори омилҳое, ки ба рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ монеа эҷод мекунанд, монеаҳои молиявию иқтисодӣ, аз ҷумла мизони баланди андоз ва фоизи қарзҳо, сатҳи пасти кафолатҳои мавҷудаи иҷтимоӣ, мавҷуд набудани таъминоти амволӣ ва иттилоотӣ, сатҳи пасти инфрасохтори мавҷудаи бозор, мушкилоти ҷорӣ намудани франчайзинг, гузаронидани таҳқиқоти зарурии маркетингӣ ва ғайра дохил карда шудаанд [4-М; 13-М; 21-М].

12. Дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф ҳамчунин таҳлили иҷтимоию демографӣ бо мақсади муайян намудани муносибати умумии аҳолии кобили меҳнат ба соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ, нерӯи мавҷудаи иктисодию молиявии посухдиҳанда ва оилаи ӯ, қобилияти пешбурди соҳибкории худ ва сатҳи дониш, сифатҳои касбӣ, малака ва маҳорат дар соҳаи фаъолият гузаронида шудааст. Хулоса бароварда шудааст, ки аҳолӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ муносибати мусбат дорад, ки ин нишондиҳанда ҳамчун омили муҳими ҳавасмандгардонии минбаъдаи соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ баромад мекунад [4-М; 7-М; 13-М; 21-М].

### *Б) Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот*

1. Дар рисолаи илмӣ пешниҳод шудааст, ки яке аз омилҳои муайянкунандаи муваффақияти соҳибкории хурд пешгӯии тақозо мебошад. Вобаста ба ин, дар таҳқиқот таҳияи масъалаи моделсозии ҳаҷми тақозо дар сатҳҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар ин замина модели иқтисодию риёзии муайян кардани тақозо ба хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳудудҳои он бо истифода аз таҳлили коррелятсионию регрессионии бисёромила амалӣ гаштааст.

2. Дар диссертатсия инчунин нишондиҳандаҳои беҳсозии ҳалли мушкилоти ҷойгиркунии соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ гурӯҳбандӣ карда шуда, модели иқтисодию риёзии ҷойгиркунии оқилонаи соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ бо дарназардошти татбиқи маҳдудиятҳои гуногун ва усулҳои истифодашаванда ва муосири банақшагирӣ, пешгӯӣ, таҳия ва истифодаи идоракунии зиддибӯҳронӣ, истифодаи технологияҳои идоракунии мутобиқшавӣ ва қабули қарорҳо дар шароити хатар ва номуайянӣ, ҳалли масъалаи оптимизатсияи ҷойгиркунии объектҳо дар соҳаи хизматрасонӣ бо истифода аз системаҳои иттилоотии ҷуғрофӣ таҳия ва пешниҳод шудаанд.

3. Муаллиф тавсия додааст, ки барои гузаронидани моделсозии иқтисодию риёзии соҳаи хизматрасонӣ риояи шартҳои зерин муҳим мебошад: интихоби шароит барои ҷойгиркунии дурусти корхонаи соҳаи хизматрасонӣ мутобиқи соҳаи интихобшудаи фаъолият дар асоси усули оптималии ҳалли он; таҳлили модел барои муайян кардани натиҷа ҳангоми ба даст овардани

маълумот дар бораи ҷойгиршавӣ ва моҳияти он, ислоҳи қарорҳои қабулшуда ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба таҳия ва татбиқи амалии фаъолияти субъекти хоҷагидор.

4. Дар рисола афзалиятҳои рушди стратегӣ ва дастгирии соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ асоснок карда шудаанд. Тавсия дода мешавад, ки ҳадафҳо, вазифаҳо ва фаъолияти ҳамаи иштирокчиёни рушди он, аз қабили мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, соҳибкорон, ҷомеа, коршиносон ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ба стратегияи рушди соҳибкории хурд дар сохаи хизматрасонӣ ҳамоҳанг сохта шаванд. Ҳамчунин ҳангоми банақшагирии рушди стратегӣ на танҳо принсипҳои ошкорбаёнӣ ва шаффофияти иттилоотӣ, балки баробарӣ ва шарикии стратегиро низ ба назар гирифтан зарур аст.

5. Дар диссертатсия дастгирии давлатии субъектҳои хоҷагидор ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ пешниҳод шудааст. Дар робита ба ин муаллиф механизмҳои дастгирии соҳибкории хурдро аз ҷониби мақомоти давлатӣ асоснок кардааст. Аз ҷумла коҳиш додани сатҳи расмиёти бюрократии бақайдгирии субъектҳои соҳибкории навтаъсис, татбиқи принсипҳои маблағгузории венчурӣ, истифодаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, додани имтиёзҳои андоз, додани биноҳо барои иҷора бо шартҳои қобили қабул, ташкили нуқтаҳои фурӯши маҳсулот ( ярмаркаҳо) ва ғайра.

6. Муаллиф инчунин ғояи таҳияи системаи бизнес-инкубаторҳоро ҳамчун платформаи муҳимтарини татбиқи имкониятҳои соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ, инчунин расонидани кӯмакҳои гуногун ташкилию инноватсионӣ ва технологиро асоснок кардааст. Дар робита ба ин, гурӯҳбандии бизнес-инкубаторҳои муосири шаҳрӣ бо дарназардошти самт ва тахассусии онҳо, омилҳои муваффақият ва самтҳои мушкилоти рушди инфрасохтори инноватсионӣ дар шаҳрҳо, унсурҳои зарурии муҳит барои рушди бомуваффақияти соҳибкорӣ, инчунин асосноккунии нишондиҳандаҳои тавсияшаванда барои арзёбии самаранокии фаъолияти бизнес-инкубаторҳо гузаронида шудааст.

7. Муаллиф дар диссертатсия пешниҳод менамояд, ки дар шароити муосир самти муҳими рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ такмил додани механизми идоракунии рушди вазифаҳои иҷтимоии соҳибкории хурд мебошад, ки бояд ба ҳамкории байни давлат ва субъектҳои хоҷагидорӣ нигаронида шавад. Бо ин мақсад муаллиф механизмҳои гуногуни чунин ҳамкориро пешниҳод менамояд: гузаронидани озмунҳои гуногун, ҳавасмандгардонии соҳибкорони хурд дар соҳаи хизматрасонӣ, ки дар барномаҳои иҷтимоӣ фаъолона иштирок мекунанд, тавассути додани фармоишҳои давлатӣ ба онҳо; фароҳам овардани шароити имтиёзнок ба соҳибкороне, ки дар лоиҳаҳои иҷтимоӣ ҷалб шудаанд; татбиқи таҷрибаи пешқадами шарикӣ, истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ барои татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва ғайра.

8. Тавсияҳои амалӣ оид ба такмили самтҳои асосии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ асоснок карда шудаанд. Самтҳои афзалиятнок

такмил додани заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ тавассути мониторинги қонунгузории амалкунанда, эҷоди механизми мутақобилан судманди таъсиррасонии давлат ба субъектҳои соҳибкорӣ, чӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва чӣ дар сатҳи минтақавӣ дониста мешаванд. Ҳамчунин зарурати таҳияи механизми дастгирии молиявию қарзии шаклҳои хурди фаъолияти соҳибкорӣ тавассути ташкили кооперативҳои қарзӣ, ташкили ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ҷамъиятҳои қарздиҳии мутақобила, такмили низоми андоз, таъмини дастрасӣ ба захираҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, рушди низоми тайёр кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи хизматрасонӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди рақобат ва пурзӯр намудани сиёсати зиддиинҳисорӣ, рушди инфрасохтори соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ, ҳамкории байни субъектҳои соҳибкории калон ва корхонаҳои хурд ва ғайра пешниҳод шудааст.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ (бо забони асл):

### *А) Монографияҳо*

[1-М]. Организационно-экономический механизм развития малого предпринимательства в сфере услуг. Монография. – Душанбе: «Ирфон», 2022. – 242 с.

[2-М]. Некоторые вопросы развития предпринимательства в сфере услуг (на материалах Согдийской области Республики Таджикистан). Монография. – Душанбе: «Ирфон», 2017. – 156 с.

### *Б) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:*

[3-М]. Формирование стратегии развития и поддержки малого предпринимательства в сфере услуг / Ф.Н Наджмиддинов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – Душанбе, 2022. - № 3 (34). – С. 198-206.

[4-М]. Исследование факторов, определяющих критерии оптимизации размещения и развития предприятий сферы услуг / Ф.Н Наджмиддинов, Гафорзода Дж.Г., Махмаризоева М.К. // Известия Национальной Академии наук Таджикистана. Отделение общественных наук. – 2021. - № 2 (263). - С. 124-128.

[5-М]. Экономико-математическое моделирование задачи размещения предприятий сферы обслуживания / Ф.Н. Наджмиддинов // Известия Национальной Академии наук Таджикистана. Отделение общественных наук. – 2021. - № 1 (262). – С. 145-153.

[6-М]. Экономико-математическое моделирование прогнозирования спроса на услуги и их согласование с предложением в условиях рынка / Ф.Н. Наджмиддинов // Известия Национальной Академии наук Таджикистана. Отделение общественных наук. – 2020. - № 4 (261). – С. 131-139.

[7-М]. Совершенствование государственно-частного партнерства для реализации стратегических целей развития Республики Таджикистан / Бакиева У.Дж., Ф.Н. Наджмиддинов // Научный журнал “Экономика Таджикистана”. Институт Экономики и демографии НАН РТ. – 2019. - № 4. – С. 106-110.

[8-М]. Совершенствование системы и методов государственного регулирования сферы услуг / Ф.Н. Наджмиддинов // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук, 2019. - №3 (257). – С. 58-66.

[9-М]. Формирование эффективного механизма государственного регулирования и стимулирования развития сферы услуг / Ф.Н. Наджмиддинов // Доклады Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук, 2019. - №4 (008). – С. 59-66.

[10-М]. Методологические аспекты исследования влияния сферы услуг на развитие социально-экономической системы страны / Ф.Н. Наджмиддинов // Известия Академия наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук, 2019. - №1 (254). – С. 123-128.

[11-М]. Исследование современного состояния и развития сферы услуг в Республике Таджикистан / Ф.Н. Наджмиддинов// Таджикистан и современный мир. Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, 2019. - № 2 (65). – С.72-81.

[12-М]. Вопросы исследования взаимозависимости роста ВВП от изменения объема сферы услуг в экономике Республики Таджикистан]. / Ф.Н. Наджмиддинов // Таджикистан и современный мир. Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, 2019. - № 2 (28).

[13-М]. Условия и факторы развития сферы услуг в условиях рынка / Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: «Сино», 2018. - № 2/4. - С.73-79

[14-М]. Вопросы совершенстования развития предпринимательской деятельности в сфере услуг / Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук, 2018. - № 1. – С. 49-52.

[15-М]. Зарубежный опыт функционирования, развития, размещения и управления сферой услуг / Наджмиддинов Ф.Н. // Известия Академия наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук, 2018. - № 4 (25). С. 154-160.

[16-М]. Развитие сферы услуг в Республике Таджикистан./ Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук, 2017. - № 2/4. Часть II. - С.116-119.

[17-М]. Эффективность сферы услуг и ее влияние на формирование валового регионального продукта Согдийской области / Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «Сино», 2017. - № 2/5 Часть II. С.164-169.

[18-М]. Управление развитием сферы услуг: функциональный подход / Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник университета (РТСУ), 2017. - № 1 (57). - С. 154-159.

[19-М]. Некоторые вопросы развития туристической отрасли региона / Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник университета (РТСУ), 2017. - № 2 (58). - С.122-127.

[20-М]. Теоретические вопросы трансформации понятия природы услуг в современных условиях перехода к рыночной экономике / Ф.Н Наджмиддинов., Бакиева У.Дж. // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук., 2017 - № 4 (60). – С.65-73.

[21-М]. Исследование факторов, влияющих на развитие предпринимательской деятельности в сфере услуг / Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: «Сино», 2015. – С.132-141.

[22-М]. Государственная поддержка малого предпринимательства за рубежом / Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: «Сино», 2015. – С.301-307.

[23-М]. Обеспечение эффективного функционирования предпринимательских структур в сфере услуг региона / Ф.Н. Наджмиддинов// Известия академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 2015. - № 1. - С.72-82.

[24-М]. Вопросы социальной ответственности бизнеса в Таджикистане / Ф.Н. Наджмиддинов // Известия Академия наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук, 2014. - № 4 (236). – С.52-58.

[25-М]. Некоторые вопросы исследования социальных функции малых предприятий Таджикистан / Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник Таджикского технического университета имени акад. М.С.Осими.- Душанбе. - 2012. - С.106-111.

[26-М]. Взаимодействие государства и бизнеса в решении социальных проблем / Ф.Н., Наджмиддинов // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. - Душанбе, 2011. - № 3 - С.68-76.

***В) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯи маводҳои конференсия*:**

[27-М]. Проблемный подход к стратегическому анализу развития малых форм предпринимательской деятельности в сфере услуг / Материалы международной научно-практической конференции «Интеграция науки и высшего образования в условиях цифровой экономики». – Ташкент: Ташкентский государственный экономический университет. 24.10.2022. - С. 56-64.

[28-М]. Разработка организационно-экономического механизма развития малого предпринимательства в сфере услуг / Материалы международной научно-практической конференции «Интеграция науки и высшего образования

в условиях цифровой экономики». – Ташкент: Ташкентский государственный экономический университет. 24.10.2022. - С. 125-132.

[29-М]. Модель организации бизнес-инкубатора, как основа развития. Пенджикент / Ф.Н. Наджмиддинов / Материалы научно-практической международной конференции “IV - е Артучовские чтения”, посвященная Годам развития села, туризма и народных ремесел, также Программы десятилетия действий «Вода для устойчивого развития 2018-2028 гг.», «Актуальные вопросы филологических, оциальногуманитарных и естественных наук в современное время», 11-14 июля 2022 года в Таджикском педагогическом институте в городе Пенджикент. 2022. - С. 561-572.

[30-М]. Мақом ва нақши хадамоти таҳсилотӣ дар низоми иқтисодиёти бозоргонӣ / Ф.Н. Наджмиддинов // Маводи Конфересияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Масоили рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар шароити муосир”- 20.02.2018.

[31-М]. Роль человеческого капитала в развитии экономики сферы услуг/ Ф.Н. Наджмиддинов // Материалы международной научно-практической конференции. 13-14 фев 2017 г.Пенджикент

[32-М]. Факторы, влияющие на развитие и размещение малых форм предпринимательской деятельности в сфере услуг/ Ф.Н. Наджмиддинов, Махмаризоева М.Қ. /Вестник Таджикского государственного университета коммерции, Душанбе: 2017. - № 3 (16). – С. 47-53.

[33-М]. Тенденции развития малых форм предпринимательской деятельности в сфере услуг в Согдийской области и Зеравшанской долины РТ/ Ф.Н. Наджмиддинов/ДОТП материалы международной конференции Посвяшенной Год молодёжи Пенджикент 2017 С.192-100

[34-М]. Совершенствование механизма управления развитием малых форм предпринимательской деятельности в сфере услуг в Республики Таджикистан./ Ф.Н. Наджмиддинов/Вестник Таджикского государственного Университета коммерции, Душанбе: 2016. - № 1 (14). - С.72-84.

[35-М]. Особенности и проблемы развития малых форм предпринимательской деятельности в сфере услуг / Ф.Н. Наджмиддинов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции, Душанбе: 2015. - № 4 (13). - С.47-53.

## АННОТАЦИЯ

**ба диссертатсияи Наҷмиддинов Фирдавс Нуриддинович дар мавзӯи «Механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ: назария, методология, амалия»**

*Калидвожаҳо:* иқтисод, хизматрасонӣ, соҳаи хизматрасонӣ, соҳибкорӣ, соҳибкории хурд, бизнеси хурд, механизм, механизми ташкилӣ, механизми иқтисодӣ.

Мақсади диссертатсия аз таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологии механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ ва пешниҳоди асоснок оид ба такмили он дар шароити иқтисоди бозорӣ иборат мебошад.

Объекти таҳқиқот сохторҳои соҳибкории шаклҳои хурди фаъолият дар соҳаи хизматрасонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Предмети таҳқиқот муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилӣ мебошанд, ки дар раванди такмили механизми ташкилию иқтисодии тиҷорати хурд дар соҳаи хизматрасонӣ инкишоф меёбанд.

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои алоҳидаи Шиносномаи ихтисосҳои илмии ихтисоси 08.00.05 – Иқтисоди соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мувофиқ аст.

Дар диссертатсия асосҳои илмию назариявии консепсияи хизматрасонӣ таҳия гардида, инчунин нақш ва аҳамияти рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ равшан карда шудааст; хусусиятҳо ва мушкилоти рушди соҳибкории хурд дар соҳа ошкор карда шудаанд; равишҳои методологии таҳлили фаъолият ва рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ аник карда шудааст; механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории хурд асоснок ва таҳия шудааст; тамоюли зиёд гаштани ҳаҷми хизматрасониҳо дар асоси динамика ва сохтори соҳибкории хурд муқаррар гардидааст; таҳлили иҷтимоию демографии муносибати аҳолӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ амалӣ шудааст; модели иқтисодӣ-риёзии муайян кардани талабот ба хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ таҳия шудааст; меъёрҳои системавӣ ва модели иқтисодӣ ва риёзии ҷойгиркунии оқилонаи соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ аниқ гаштаанд; афзалиятҳои стратегияи рушд ва дастгирии соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ асоснок гардидааст, модели ташкили бизнес-инкубаторҳоро таҳия шудааст; оид ба такмили механизми ташкилию иктисодии рушди бизнеси хурд дар соҳаи хизматрасонӣ тавсияхои амалй пешниҳод карда шудаанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти он ба рушди минбаъдаи низоми соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои такрористеҳсоли иқтидори соҳибкории хурд, инчунин таҳлили он мусоидат мекунад. Аҳамияти амалии таҳқиқот ба фароҳам овардани шароити зарурии иҷтимоию иқтисодӣ барои такрористеҳсол ва истифодаи иқтидорҳо, баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди соҳибкории хурд дар соҳаи хизматрасонӣ ва бахшҳои он нигаронида шудааст.

Натиҷаҳои асосии илмию амалиро мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳангоми таҳияи самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории хурд, ташкили бизнес-инкубаторҳо ва инфраструктураи онҳо истифода бурда метавонанд.

## АННОТАЦИЯ

**к диссертации Наджмиддинова Фирдавса Нуриддиновича на тему «Организационно-экономический механизм развития малого предпринимательства в сфере услуг: теория, методология, практика»**

*Ключевые слова:* экономика, услуга, сфера услуг, предпринимательство, малое предпринимательство, малый бизнес, механизм, организационный механизм, экономический механизм.

Целью диссертации является разработка теоретико-методологических основ организационно-экономического механизма функционирования и развития малого предпринимательства в сфере услуг и обоснование рекомендаций по его совершенствованию в условиях рыночной экономики.

Объектом исследования выступают предпринимательские структуры малой форм деятельности в сфере услуг Республики Таджикистан. Предметом исследования являются социально-экономические и организационные отношения, складывающиеся в процессе совершенствования организационно-экономического механизма малого предпринимательства в сфере услуг.

Тема диссертации соответствует пунктам Паспорта научной специальностей специальности 08.00.05 – Экономика сферы услуг (08.00.05.01 – Торговля, коммерческие и бытовые услуги).

В диссертации развиты научно-теоретические основы понятия услуги, а также уточнены роль и значение развития малого предпринимательства в сфере услуг; раскрыты особенности и проблемы развития малого предпринимательства в сфере; уточнены методологические подходы к анализу функционирования и развития малого предпринимательства в сфере услуг; обоснован и разработан организационно-экономический механизм развития малого предпринимательства; установлены тенденции увеличения объема оказанных услуг на основе динамики и структуры малого предпринимательства; осуществлен социально-демографический анализ отношения населения к предпринимательской деятельности в сфере услуг; разработана экономико-математическая модель определения спроса на платные услуги населению; систематизированы критерии и разработана экономико-математическая модель рационального размещения субъектов малого предпринимательства в сфере услуг; обоснованы приоритеты стратегии развития и поддержки малого предпринимательства в сфере услуг и разработана модель организации бизнес-инкубаторов; предложены практические рекомендации по совершенствованию организационно-экономического механизма развития малого предпринимательства в сфере услуг.

Теоретическая значимость исследования заключается в том, что его положения способствуют дальнейшему развитию системы предпринимательства в сфере услуг, созданию необходимых условий воспроизводства потенциала малого предпринимательства, а также анализа ее влияния на эффективность обслуживания в сфере услуг и ее сегментов. Практическая значимость исследования направлены на создание необходимых социально-экономических условий воспроизводства и использование потенциала, повышение эффективности и развития малого предпринимательства в сфере услуг и ее сегментов.

Основные научно-практические результаты могут быть использованы органами государственной власти при разработке приоритетов по развитию малого предпринимательства, созданию бизнес-инкубаторов и их инфраструктуры.

## ANNOTATION

**to the dissertation of Najmiddinov Firdavs Nuriddinovich on the topic "Organizational and economic mechanism for the development of small business in the service sector: theory, methodology, practice"**

*Key words:* economy, service, service sector, entrepreneurship, small entrepreneurship, small business, mechanism, organizational mechanism, economic mechanism.

The purpose of the dissertation is to develop the theoretical and methodological foundations of the organizational and economic mechanism for the functioning and development of small business in the service sector and substantiate recommendations for its improvement in a market economy.

The object of the research is the entrepreneurial structures of small forms of activity in the service sector of the Republic of Tajikistan. The subject of the study is the socio-economic and organizational relations that develop in the process of improving the organizational and economic mechanism of small business in the service sector.

The topic of the dissertation corresponds to the points of the Passport of scientific specialties of the specialty 08.00.05 - Economics of the service sector (08.00.05.01 - Trade, commercial and household services).

The dissertation developed the scientific and theoretical foundations of the concept of service, as well as clarified the role and importance of the development of small business in the service sector; features and problems of development of small business in the sphere are revealed; clarified methodological approaches to the analysis of the functioning and development of small business in the service sector; substantiated and developed the organizational and economic mechanism for the development of small business; established tendencies to increase the volume of services rendered on the basis of the dynamics and structure of small business; carried out a socio-demographic analysis of the attitude of the population to entrepreneurial activity in the service sector; developed an economic-mathematical model for determining the demand for paid services to the population; systematized criteria and developed an economic and mathematical model for the rational placement of small businesses in the service sector; substantiated the priorities of the strategy for the development and support of small business in the service sector and developed a model for organizing business incubators; practical recommendations for improving the organizational and economic mechanism for the development of small business in the service sector are proposed.

The theoretical significance of the study lies in the fact that its provisions contribute to the further development of the business system in the service sector, the creation of the necessary conditions for the reproduction of the potential of small business, as well as the analysis of its impact on the efficiency of service in the service sector and its segments. The practical significance of the study is aimed at creating the necessary socio-economic conditions for reproduction and the use of potential, improving the efficiency and development of small business in the service sector and its segments.

The main scientific and practical results can be used by public authorities in the development of priorities for the development of small business, the creation of business incubators and their infrastructure.

Ба чопаш 29.12.2022 имзо шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Қоғази офсетӣ.
Адади нашр 100 нусха. 5,8 ҷузъи чопӣ.

---

734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½.
Матбааи «Тоҷир»